# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Мубраммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф анъанаҳои халқи тоҷик ва мероси педагогикаи халқиро (аз китоби муқаддаси «Авесто» то назми классикии асрҳои миёна) ҳамчун заминаи муассири тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зеро назми тоҷику форс низ дар давраи асрҳои миёна бо сабаби отифавӣ, тамсилӣ ва дастрас буданаш ба як нерӯи бузурги тарбиявӣ мубаддал гашта, саросар аз ормонҳои умумибашарӣ иборат аст. Имрӯз, ки муноқишаҳо ва падидаҳои таҳаммулнопазирӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба проблемаҳои ҷиддӣ мубаддал шудаанд ва созмонҳои байналмилалӣ (СММ, ЮНЕСКО) барномаҳои махсусро қабул мекунанд, бинобар ин, наздик намудани ин арзишҳои таърихӣ ба амалияи педагогии кунунӣ басо зарур ва саривақтӣ мебошад.

Диссертант қайд менамояд, ки мубраммияти таҳқиқоти мазкур бо мавҷудияти зиддиятҳои воқеӣ ва омилҳои зерин дар воқеияти педагогӣ асоснок карда мешавад: набудани таҳқиқоти кофии назариявӣ ва методологӣ оид ба проблемаи ташаккули хислатҳои ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни истифода аз анъанаҳои халқи тоҷик; зарурати таҳлили илмию амалии ғояҳои классикони адабиёт ва мақсаднок татбиқ намудани онҳо дар раванди муосири таҳсилоти ибтидоӣ; тавсеаи таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба проблемаҳои тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ; вижагиҳои синнусолии хонандагони хурдсол, ки таҳаввули маънавии онҳо дар ин марҳила натиҷаҳои дарозмуҳлат ва устуворро дар таълиму тарбия таъмин менамояд; набудани воситаҳои нави методии асоснокшуда ва дастурҳои илмӣ-амалӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ин самт; аҳаммияти илмию амалии мавзуъ дар шароити такмилёбӣ ва ислоҳоти кунунии низоми таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, равишҳои тарбияи ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз анъанаҳои халқӣ ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ ва дар сатҳи системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтаанд, ки ин омил мубрамияти кори диссертанртро ба таври комил тасдиқ менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳ.Т. дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 дар мавзуи «Роҳҳо ва воситаҳои рушди ҳисси ватандӯстии насли наврас ва ҷавон дар раванди таълиму тарбия» иҷро шудааст. Методологияи таҳқиқот бо муқаррароти асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими худшиносии миллии ҷавонони Тоҷикистон» алоқамандии зич дошта, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ва сиёсати миллии тарбия равона шудааст. Таҳқиқоти мазкур дорои мухтавои илмӣ ва навгонӣ мебошад. Муаллиф масъалаи муҳимми тарбияро дар заминаи фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, тавонистааст, ки хулосаҳои мантиқӣ ва пешниҳодҳои муассир ироа намояд. Таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина барои таҳияи барномаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ дар зинаи ибтидоии мактабҳо хизмат кунад.

Дар автореферат заминаҳои назариявию таърихии масъала ба таври амиқ таҳлил гардида, диссертант саҳми мутафаккирони барҷастаи миллатро (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, С. Айнӣ ва дигарон) дар ташаккули ғояҳои башардӯстӣ дуруст арзёбӣ намудааст ва мероси бойи онҳоро сарчашмаи муҳимми тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас медонад. Дар ин росто, муаллиф таҳқиқоти донишмандони ватаниро, ки дар рушди педагогикаи миллӣ саҳми арзишманд гузоштаанд, мавриди омӯзиши интиқодӣ қарор дода, онҳоро мувофиқи самтҳои илмӣ ба таври зерин гурӯҳбандӣ ва таҳлил намудааст: асосҳои назариявии педагогикаи миллӣ ва башардӯстӣ, ки дар таҳқиқоти фундаменталии М. Лутфуллозода, И.Х. Каримова ва Ф. Шарифзода инъикос ёфтаанд; таърихи афкори педагогӣ ва тарбияи оилавӣ, ки дар асарҳои таҳқиқотии Қ.Б. Қодиров, М. Орифӣ, А. Паҳлавонов, Х. Раҳимзода ва К. Хоҷаев мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд; тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол ва тибқи анъанаҳои халқӣ ташаккул додани онҳо, ки дар корҳои илмии Б. Маҷидова, А. Нуров, Б. Раҳимов, Ш.А. Сафаров, Д.Я. Шарипова, Ф. Гулмадов, Х. Сабурӣ, Ҷ. Давлатзода ва Ҳ.Т. Қаюмова заминаҳои методологии худро ёфтаанд. Чунин таҳлили муқоисавию гурӯҳбандии адабиёти илмӣ аз ҷониби муаллиф имкон додааст, ки холигоҳҳои мавҷудаи соҳа муайян ва самтҳои нави таҳқиқот асоснок карда шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот чунин муайян карда шудааст: маҷмуан ошкор намудани имкониятҳои тарбиявии маводи фолклорӣ ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; муайян ва асоснок кардани шароит, хусусиятҳо ва афзалиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстию таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол дар

раванди таълим ва фаъолиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ; таҳияи равишҳои консептуалӣ, тавсияҳои методӣ ва низоми мафҳумҳои ахлоқӣ («ватандӯстӣ», «сулҳдӯстӣ», «таҳаммулпазирӣ») барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити кунунии фарҳангию иҷтимоӣ; мушаххас намудани муҳтаво ва шаклҳои муассири фаъолияти тарбиявӣ бо назардошти вижагиҳои психологӣ ва синнусолии хонандагони хурдсол; коркарди технология ва усулҳои ҳавасмандсозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати дарку қабули арзишҳои ахлоқии анъанаҳои миллӣ дар амалияи ҳамарӯзаи онҳо.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф усулҳои муносиби ташаккули шуури ахлоқии хонандагони хурдсол дар замони муосирро муайян карда, заминаҳои педагогии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти шавқу рағбати ботинӣ ва худмуайянкунии онҳоро ошкор кардааст. Инчунин, диссертант равишҳои этнопедагогӣ ва усулҳои муносиби фаъолияти омӯзгорро ҷиҳати татбиқи сифатҳои волои ахлоқӣ дар хонандагон муайян намуда, амсилаи (модели) тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол дар робита бо вазъияти фарҳангию иҷтимоии кунуниро таҳия кардааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот иборат аст аз: коркарди заминаҳои методологии истифодаи анъанаҳои халқи тоҷик дар раванди тарбияи ахлоқию ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; ҷорӣ намудани ҷанбаҳои муҳтавоӣ ва технологии таҳсилот, ки самаранокии раванди таълиму тарбия ва сатҳи донишу маҳорати хонандагони хурдсолро ба таври назаррас баланд мебардоранд; таҳияи тавсияҳои методӣ ва васоити таълимию ёрирасон, ки дар амалияи кори мактабҳои таҳсилоти умумӣ татбиқ гардидаанд. Маводҳои таҳқиқот, барномаи озмоишӣ ва амсилаи (модели) пешниҳодшуда метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ (барои омодасозии донишҷӯён, магистрантҳо ва унвонҷӯён), инчунин дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

Муҳаққиқ дар кори худ нишон медиҳад, ки анъанаҳои мардумӣ, расму оинҳо, суннатҳои фарҳангӣ, урфу одат ва осори шифоҳии халқӣ дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ мебошанд. Ӯ тавонистааст, ки робитаи байни арзишҳои миллии тоҷикон ва ташаккули сифатҳои ахлоқии кӯдакро (ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ) ба таври возеҳ нишон диҳад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 36 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 25 номгӯй мақолаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 номгӯй монография ва дастурҳои таълимиву методӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои дигари илмӣ нашр карда шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиети истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 370 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳаруфчиншуда

иборат буда, 3 диаграмма, 8 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 478 номгӯй мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани мавзуи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳлилу баррасӣ ва робитаи он бо мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Инчунин, дар он объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсади он, вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи он, асосҳои назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи он, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми он дода шудаанд. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи муосир маҳсуб меёбад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори квалификатсионии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

**Муқарриз:** Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент, мушовири ректори АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Маҳмадулло

Имзои М.Раҷабзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«7» 07 соли 2026

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734003, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел:+992(37) 224-17-86;372-24-17-86, E-mail: info@apa.tj